# СЕМИНАРИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ БАХШИДА БА ҶАШНИ ТИРГОН

30 июни соли 2026 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Тиргон дар тақвими ҷашнҳои миллӣ» баргузор гардид. Семинарро директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, номзади илмҳои техникӣ Сироҷиддин Ниёзӣ ифтитоҳ намуда, оид ба аҳаммияти таърихию фарҳангӣ ва тарбиявии ҷашни Тиргон суханронӣ кард. Зимни сухани ифтитоҳӣ директор таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ёдовар шуд: «Тиргон дар радифи ҷашнҳои Сада, Наврӯз ва Меҳргон ҷашни мавсимии кишоварзон буда, ба обу замин ва ҷамъ овардани ҳосили зироат робитаи мустақим дорад». Дар идомаи сухан зикр гардид, ки эҳё ва таҷлили ҷашни Тиргон на танҳо арҷгузорӣ ба таъриху фарҳанги бостонии миллати тоҷик, балки воситаи муҳими таҳкими худшиносии миллӣ, тарбияи эҳтиром ба обу замин, табиат, меҳнати кишоварзон ва ҳифзи арзишҳои маънавии ниёгон мебошад. Ин ҷашн мардумро ба ободкорӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, эҳтироми заҳмати деҳқон ва ҳифзи неъматҳои табиӣ ҳидоят менамояд. Сипас, мудири шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ Пӯлотова Гулсарахон дар мавзуи «Ҷойгоҳи Тиргон дар фарҳанги мардумони ориёитабор» маъруза намуд. Зимни баромад таърихи пайдоиш, мазмуну моҳияти фарҳангӣ ва мавқеи ҷашни Тиргон дар низоми ҷашнҳои бостонии мардумони ориёитабор мавриди таҳлил қарор гирифт. Ҳамчунин, мудири лабораторияи илмӣ-таҳқиқотии Пажӯҳишгоҳ Шомамадова Ҳадиса дар мавзуи «Тиргон - ҷашни обу ободӣ» суханронӣ карда, нақши об, кишоварзӣ, табиат ва меҳнати созандаи инсонро дар ташаккули суннатҳои марбут ба ин ҷашни миллӣ шарҳу тавзеҳ дод. Дар анҷом таъкид гардид, ки омӯзиш ва тарғиби ҷашнҳои бостонии миллӣ барои таҳкими худшиносиву ифтихори миллӣ, эҳтиром ба табиат, арҷгузорӣ ба меҳнати созанда ва ҳифзи мероси фарҳангии халқи тоҷик аҳаммияти муҳим дорад.









